UN WOMEN
United Nations Entity for Gender Equality and the Empowerment of Women

UNDP
Empowered lives.
Resilient nations.



# Занон дар идоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон

# ГУЗОРИШИ МУХТАСАРИ ТАҲЛИЛӢ

ИЮН, 2017

# Муқаддима

Иштироки занон дар раванди қабули қарорҳо дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ барои ҳалли мушкилоти гуногуни рушд, ки ҷомеа ба он мувоҷеҳ мегардад, хеле муҳим мебошад. Фаъолияти занон дар мансабҳои роҳбарикунанда ва иштироки онҳо аз ҷониби як қатор ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҷалби занон роҳнамоӣ мегардад, аз ҷумла Конвенсияи соли 1979 дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон [1]; Платформаи амали Пекин [2] ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) то соли 2030 [3].

Ҷалби занон ба раванди қабули қарор яке аз масъалаҳои умумии баробарии гендерӣ ба шумор меравад, ки он дар Барномаи 2030 оиди ба рушди устувор баръало зикр гардидааст. Ҳадафи 5-уми Ҳадафҳои рушди устувор, яъне Баробарии гендерӣ, кишварҳоро ташвиқ менамояд то корро дар самти хотима бахшидан ба ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон ҷоннок гардонида, ҷустуҷӯи роҳҳои васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон ва духтаронро дар ҷомеаҳои худ ба роҳ монанд. Махсусан, дар ҳадафи 5.5-и ҲРУ чунин омадааст: «Таъмини иштироки пурра ва босамари занон ва имкониятҳои баробар барои роҳбарӣ дар ҳамаи сатҳҳои қабули қарорҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ». Ибораи «ҳамаи сатҳҳо» дар ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки иштирок ва намояндагии занон дар тамоми соҳаҳои ҳукумат - ҳам миллӣ ва ҳам маҳаллӣ – бояд ба инобат гирифта шаванд [4].

Масъалаи ҷалби занон ба идоракунии давлатӣ ин танҳо як масъалаи рӯзномаи фарохтари тавсеаи ҳуқуқу имконияти занон мебошад. Бо вуҷуди ин, он яке аз воситаҳои аз нуқтаи назари стратегӣ муҳими нуқтаи вуруд ба шумор меравад – намояндагии занон дар форумҳои гуногуни қабули қарорҳо ба онҳо имкон фароҳам меорад то дар ташаккули барномаву афзалиятҳои самтҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ ширкат намоянд. Ин масъалаи мушаххас чанде пеш дар ҷомеаи Тоҷикистон баррасӣ гардида буд: Президенти Ҷумҳурӣ масъалаи таъсиси имтиёзҳо барои ҷалби занон ба мансабҳои хизмати давлатиро дар Паёми охиринаш бо фаъолони зан ба миён гузошта буд [5].

Гузориши мухтасари таҳлилии мазкур баррасии масъалаҳои намояндагии занон дар мансабҳои хизмати давлатиро бо таваҷҷӯҳ ба як сатҳи муайяни идоракунӣ – яъне шӯрои ҷамоат - фаро мегирад. Бино ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯроҳои ҷамоатӣ дар идоракунии корҳои маҳаллӣ, дастгирии ташаббусҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва қабули қарор дар бораи афзалиятҳои рушди маҳаллӣ нақши муҳим мебозанд. Бо назардошти нақшаҳои мамлакат оид ба ғайримарказикунонӣ, нақши онҳо бо гузашти вақт танҳо баландтар хоҳад шуд. Бо инъикоси сатҳи намояндагии занон дар ин шӯроҳо, ин гузориши мухтасари таҳлилӣ кӯшиши дарҷ намудани муваффақият ва нокомиҳоро дар таъмини иштироки занон ва мусоидат ба таҳлили минбаъдаи омилҳое, ки ба он муваффақияту нокомиҳо сабаб мегарданд, ба харҷ медиҳад. Он ҳамчунин бахри ташаккули як навъ маълумот дар бораи ҳолати кунунӣ, ки барои арзёбии самаранокии дилхоҳ ташаббуси дар оянда дар самти ҳавасмандгардонии иштироки занон дар мансабҳои хизмати давлатӣ амалишванда зарур мегардад, саъю талош менамояд.

## Чаро иштироки занон дар раванди қабули қарор муҳим арзёбӣ мегардад?

- Занон дар мансабҳои роҳбарикунанда шарти муҳим барои таъмини баробарии гендерӣ ва рушди устувор мебошад
- Ин ҳуқуқи инсон ва тақозои сохти демократӣ маҳсуб мегардад
- Барои татбиқи ҳамаи ҲРУ ва махсусан ҲРУ 5 хеле муҳим мебошад
- Иштироки занон ҳанӯз ҳам дар ҳамаи сатҳҳои тасмимгирӣ дар саросари ҷаҳон хеле кам буда, қабули қарорҳо то ҳол эҳтиёҷот ва афзалиятҳои воқеии занонро ба таври зарурӣ ба инобат намегирад

---

[1] Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ба тасвиб расидааст.

[2] Эъломияи Пекин ва платформаи амал. Дастрасӣ тавассути: http://www.un.org/womenwatch/daw/beijing/pdf/BDPfA%20E.pdf

[3] Платформаи дониш оиди рушди устувор. Дастрасӣ тавассути: https://sustainabledevelopment.un.org/?menu=1300

[4] Пешравӣ дар самти ноил шудан ба ин ҳадаф тавассути нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад: Нишондиҳандаи 5.5.1: Намояндагии мутаносиби занонро дар ду самти мутавофити идоракунӣ муайян мекунад: (а) парлумонҳои миллӣ ва (б) идоракунии маҳаллӣ; Нишондиҳандаи 5.5.1b: Таносуби мансабҳои аз ҷониби занон дар ҳокимиятҳои маҳаллӣ ишғолнамуда. Дастрасӣ тавассути https://unstats.un.org/sdgs/files/metadata-compilation/Metadata-Goal-5.pdf

[5] Asia-Plus, «Президент барои занон дар мансабҳои хизмати давлатӣ имтиёзҳо пешниҳод кард», 7-уми марти с. 2017, тавассути https://news.tj/tj/news/tajikistan/power/20170307/kvota-va-imtiyozo-baroi-zanon-dar-mansaboi-hizmati-davlat

# МАЪЛУМОТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди курсиҳоро дар шӯрои ҷамоатҳо муқаррар намудааст – шӯроҳо аз 15 то 40 вакил доранд, ки он асосан аз андозаи аҳолӣ ва шумораи маҳалҳои аҳолинишин дар ҷамоат (ҳар як деҳа ҳадди ақалл ба як намоянда ҳақ дорад) вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, ҳатто дар хурдтарин, аз рӯи андоза, шӯроҳои ҷамоатҳо имконияти назариявии ба шӯро ҷалб намудани якчанд зан фароҳам мегардад. Вакилони маҳаллӣ тавассути ҳавзаҳои интихоботии якмандата, ки ҳудуди марзии онҳо дар асоси қарори ҷамоат муайян мегардад, интихоб мегарданд [6].

Маълумот барои таҳлили вазъи воқеӣ дар самти ҷалби занон ба шӯрои ҷамоатҳо, ки дар ин гузориши мухтасари таҳлилӣ оварда шудааст, аз даври охирини интихоботҳои маҳаллӣ, ки 1-уми марти соли 2015 гузаронида шуд, маншаъ мегирад. Маълумоти овардашуда мушоҳидаҳоро оид ба шумораи умумии вакилон ва шумораи занони вакил дар 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, ки дар замони интихобот ҷой доштанд, дар бар мегирад [7]. Ин мушоҳидаҳо як қисми маҷмӯи калонтари маълумот аз Нишондиҳандаҳои асосии ҷамоат (JAMBI), ки маълумот дар бораи як қатор хусусиятҳои демографӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҷамоатҳоро дар бар мегирад, ташкил медиҳанд. Сарчашмаи аксари маълумотҳои JAMBI ин омори маъмурии дар сатҳи маҳаллӣ ва ноҳиявӣ ҷамъоваришуда мебошад [8].

Гузориши мухтасари мазкур барои муайян намудани хусусиятҳои асосии намояндагии занон ва таҳқиқи омилҳои эҳтимолие, ки ба сатҳи чунин намояндагӣ таъсир мерасонанд, аз як қатор воҳидҳои ченаки оддӣ ба монанди ҳиссаи фоизи занони вакил дар шӯроҳои маҳаллӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди ҷамоат истифода менамояд. Маълумот барои тағйирёбандаҳо ва нишондиҳандаҳои дар ин гузориши мухтасар истифодагардида аз махзани маълумоти JAMBI гирифта шудаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки тартиби дигаре зикр нагардида бошад. Омори ҷамъбастӣ оид ба шумораи умумии вакилон ва шумораи занони вакил, ки дар даври охирини интихоботи маҳаллӣ дар моҳи марти соли 2015 интихоб гардидаанд, дар ҷадвали 2-и зер оварда шудааст.

Тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар даври охирини интихоботи маҳаллӣ дар 427 ҷамоат 10 337 вакилони маҳаллӣ интихоб гардиданд. Шумораи зиёдтарини вакилон дар вилояти Хатлон интихоб шуда, шумораи камтарин ба минтақаи аз нуқтаи назари аҳолӣ хурдтарин, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рост меояд. Ҳамагӣ 1 572 нафар аз теъдоди умумии вакилон, ё танҳо 15,2%-и корпуси умумии вакилонро занон ташкил медиҳанд.

Ин ҳиссаи занон дар корпуси вакилони маҳаллӣ баёнгари сатҳи ба таври умум пасти ҷалби занон дар масоили идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ мебошад. Ин аз он далолат мекунад, ки шумораи нисбатан ками занон имконияти бевосита ба кори шӯроҳои маҳаллӣ таъсир расонданро доранд ва ин сохторҳои идоракунӣ, ки наздиктарин ба шаҳрвандони оддӣ мебошанд, танҳо мавриди таъсири сусти афзалиятҳо ва ихтиёрдории аъзоёни зани ҷомеа, ки одатан беш аз нисфи аҳолии ҷомеаро ташкил медиҳанд, қарор мегиранд.

**Ҷадвали 2. Шумораи вакилон дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар вилоятҳои ҷумҳурӣ (ба ҳолати 1-уми январи соли 2016)**

| Вилоят | Аҳолӣ* | Шумораи ҷамоатҳо | Ҳамаи вакилони ҷамоатҳо | Занони вакил | Ҳиссаи занони вакил дар шумораи умумии вакилони ҷамоатҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 192 136 | 43 | 749 | 159 | 21,2% |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | 1 842 453 | 115 | 2 868 | 380 | 13,2% |
| Хатлон | 2 723 180 | 154 | 3 907 | 585 | 15% |
| Суғд | 1 977 271 | 115 | 2 813 | 448 | 16% |
| **Ҳамагӣ** | **6 735 040** | **427** | **10 337** | **1,572** | **15,2%** |

*Манбаъ: Махзани JAMBI барои с.2015, дар асоси қарорҳои шӯроҳои ҷамоат*

*Эзоҳ: *Аҳолии 427 ҷамоати шаҳрак ва деҳот, аҳолии шаҳрҳо ба инобат гирифта нашудаанд*

[6] *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», 23 июни соли 2009 қабул гардидааст, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503.*

[7] *Шумораи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот баъдан афзоиш ёфта, ба санаи 1-уми январи соли 2017 он 429 воҳидро ташкил медод.*

[8] *Махзани маълумоти JAMBI аз ҷониби БРСММ ва маркази зеҳнии маҳаллии Маркази рушди инноватсионӣ (IDC) дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС) омода гардидааст. СММ Занон дар таҳияи нишондиҳандаҳои гендерӣ машварат ва кӯмак расонида, инчунин дар ҷамъоварии маълумот дар вилояти Суғд дастгирӣ намудааст.*

# ТАФОВУТИ МИНТАҚАВӢ ДАР НАМОЯНДАГИИ ЗАНОН

Ин 15,2%-и ҳиссаи занон дар корпуси вакилони маҳаллӣ, ки дар боло зикр гардид, ба сатҳи дар маҷмӯъ пасти ҷалби занон ба масоили идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ ишора мекунад. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки шумораи нисбатан ками занон имконияти бевосита ба кори шӯроҳои маҳаллӣ таъсир расонданро доранд ва ин сохторҳои идоракунӣ, ки наздиктарин ба шаҳрвандони оддӣ мебошанд, танҳо мавриди таъсири сусти афзалиятҳо ва ихтиёрдории аъзоёни зани ҷомеа, ки одатан беш аз нисфи аҳолии ҷомеаро ташкил медиҳанд, қарор мегиранд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳандаи умумӣ фарқияти назаррасро, ки миёни минтақаҳои гуногуни кишвар дар дараҷаи намояндагии занон дар шӯроҳои маҳаллӣ ҷой дорад, пинҳон менамояд. Барои нишон додани дараҷаи ин тафовут, Расми 1 барои ҷамъбасти маълумот оид ба ҳиссаи занони вакил дар ҷамоатҳо дар ҳамаи чор вилояти мамлакат аз қуттии қитъавӣ истифода менамояд.

Расми 1. Ҳиссаи фоизии занони вакил дар шӯроҳои ҷамоатҳо дар миқёси чор вилоят, с.2016




Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси қайдҳои қарорҳои шӯроҳои ҷамоат

Хати сурх дар расм қимати медиании ҳиссаи занони вакилро барои ҳамаи 427 ҷамоат ифода менамояд - он дақиқан ба 15% баробар аст. Қимати медиании занони вакил барои ҷамоатҳои вилоятҳои алоҳида бо хатҳои бурриши қуттиҳои дахлдори ҳар як вилоят тасвир гардидааст. Дарозии қуттӣ, диапазони байниквартилиро (IQR) ифода менамояд, ки қимати ҳиссаи занони вакилро барои ҷамоатҳое, ки дар ду квартили миёна ҷойгир шудаанд (панҷоҳ фоизи миёнаи ҷамоатҳо), фаро мегирад. Хатҳо, ки дар аксари ҳолат ҳамчун «вискез» номида мешаванд, барои фаро гирифтани тамоми нуқтаҳои додаҳои дар 1,5 IQR-и квартили наздиктарин ҷойгирбуда кашида мешаванд. Ҳамаи нуқтаҳои додаҳое, ки берун аз «вискез» ҷойгир шудаанд – дар мисоли мо ин қимати баланди ҳиссаи занони вакил барои якчанд ҷамоатҳои вилояти Суғд - дар алоҳидагӣ нишон дода шудаанд.

Расми 1 гувоҳӣ аз он медиҳад, ки қимати медиании ҳиссаи занони вакил дар мавриди ду вилоят аз қимати миёнаи миллӣ баландтар мебошад, ки инҳо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Суғд мебошанд. Дар мавриди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, фарқият махсусан назаррас аст. Қимати ҳиссаи занони вакил дар ин минтақа 20% буда, диапазони қимати ҳиссаи занони вакил барои ҷамоатҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 5% то 40%-ро ташкил медиҳад.

**5**
**БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ**

Қимати медианӣ ҳам дар вилояти Хатлон ва ҳам дар Ноҳияҳои тобеи марказ аз қимати миёнаи миллӣ камтар мебошад. Камтарин қимати медиании ҳиссаи занони вакил ба Ноҳияҳои тобеи марказ, ки ба 12% баробар аст, рост меояд. Қимати ҳиссаи занони вакил дар ҷамоатҳои Ноҳияҳои тобеи марказ аз 0 то 30%-ро ташкил медиҳад. Муқоисаи қиматҳои миёна ба ҷои медианаҳо ҳамчун ченаки маркази тақсимот ҳамон тартиби вилоятҳоро, ки дар Расми 1 тасвир гардидааст, тавлид менамояд.

Далели онро, ки Ноҳияҳои тобеи марказ дар робита ба ҷалби занон қафомонда аст, наметавон пурра ба таъсири қисмати анъанавии минтақа, яъне водии Рашт, нисбат дод. Тақсимбандии ҷамоатҳои Ноҳияҳои тобеи марказ ба ду гурӯҳ - Рашт (41 ҷамоат) ва дигар ҷамоатҳо (74 ҷамоат) - нишон медиҳад, ки қимати медиании ҳиссаи занони вакил дар ҷамоатҳои Рашт 12,5%-ро ташкил дода, дар ҷамоатҳои дигар он ба 12% мерасад. Бо вуҷуди ин, тақсимоти қиматҳои ин нишондиҳанда барои дигар ҷамоатҳои Ноҳияҳои тобеи марказ дигаргунии мусбӣ дорад, ки дар натиҷа то ҳадде қимати баланди миёнаи ҳиссаи занони вакил дар ин ин ҷамоатҳо (13,7%) дар муқоиса ба ҷамоатҳои ноҳияи Рашт (12,9%) ба вуҷуд меояд.

# ҶУҒРОФИЯИ МУФАССАЛИ НАМОЯНДАГИИ ЗАНОН

Маълумоти мухтасаре, ки дар Расми 1-и боло оварда шудааст, дар Расми 2 дар сатҳи ноҳияҳо тақсимбандӣ гардидааст. Расми мазкур тафовути сатҳи намояндагии занонро дар ноҳияҳо ва ҷамоатҳои ноҳияҳои алоҳида инъикос менамояд. Барои пешниҳод намудани маълумоти бисёр дар шакли фишурда, расм маълумоти сатҳи ноҳияро аз чор вилояти кишвар дар ду сутун ҷамъбаст менамояд. Тартиби ҷойгиршавии ноҳияҳо аз рӯи қимати баландтарин то камтарини медиании ҳиссаи занони вакил дар ҷамоатҳои қаламрави ноҳияи алоҳида оварда шудааст.

**Расми 2. Ҳиссаи фоизии занони вакил дар ҷамоатҳо дар сатҳи ноҳияҳо, с.2016**




**Ҳиссаи фоизии занони вакил**

Манбаъ: Махзани JAMBI, дар асоси қайдҳои қарорҳои шӯроҳои ҷамоат

Тавре ки аз расм маълум аст, ноҳияи Гулистони вилояти Суғд ва ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дорои қимати баландтарини медиании ҳиссаи занони вакил дар байни 60 ноҳияи дар боло номбаршуда мебошанд. Қимати ҳиссаи занони вакил дар шаш ҷамоате, ки таҳти салоҳияти ноҳияи Гулистон қарор доранд, аз 13% то 40%-ро ташкил медиҳад. Дар мавриди ҳафт ҷамоати ноҳияи Шуғнон, ин нишондиҳанда аз 20% то 40%-ро ташкил медиҳад.

Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва Муъминободи вилояти Хатлон ноҳияҳое мебошанд, ки дорои қимати камтарини медианӣ ба шумор меравaнд. Ноҳияи Муъминобод, барои мисол, аз ҳафт ҷамоат иборат аст. Дар ҳоле, ки дар ҷамоати Муъминобод, ки ҳамчун маркази ноҳия хизмат мерасонад, қариб аз се як ҳиссаи шӯрои ҷамоатро занон ташкил медиҳанд, ҳиссаи занон дар шӯроҳои ҳамаи ҷамоатҳои боқимонда аз 10% камтар ё баробар ба он мебошанд.

Харитаи 1 маълумоти муфассал оид ҳудуди ҷамоатҳо ва қимати ҳиссаи занони вакил дар ҷамоатҳои алоҳидаро инъикос менамояд. Ин имкони ташхиси аёнии тафовутҳо дар намояндагии занонро дар зинаҳои гуногуни тақсимоти маъмурию ҳудудӣ фароҳам меорад. Баъзе ҷамоатҳо, бо сабаби хурдии минтақаи ҷуғрофӣ, дар харита ба назар намерасанд.

## Ҳиссаи фоизии занони вакил дар шӯроҳои ҷамоатҳо, с.2016




Муайян намудани мавқеи қимати баландтарин ва камтарин имкон дорад. Ҷамоатҳои дорои сатҳи баландтарини намояндагии занон дар шӯроҳои маҳаллӣ инҳоянд: ҷамоати Палоси ноҳияи Бӯстон, ҷамоатҳои Чоруқдаррон ва Зарнисори ноҳияи Гулистон, ва ҷамоати Ширинҷонови ноҳияи Шуғнон. Ҳиссаи занони вакил дар Палос 41% буда, дар се ҷамоати дигар 40%-ро ташкил медиҳад. Дар қисмати охири ҷониби муқобили тақсимот се ҷамоате ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо ягон зан ба ҳайси аъзои шӯроҳои маҳаллӣ интихоб нагардидаанд. Инҳо ҷамоати Зидеҳи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Ваҳдати ноҳияи Сангвор ва ҷамоати Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ мебошанд.

# МУАЙЯНКУНАНДАҲОИ НАМОЯНДАГИИ ЗАНОН

Адабиёти муқоисавӣ дар бораи ҷалби занон ба идоракунии давлатӣ ба як қатор омилҳое, ки ба дараҷаи имконияти занон дар таъмини намояндагӣ таъсир мерасонанд, ишора менамояд. Ин омилҳо, дар байни дигар масъалаҳо, иборатанд аз меъёрҳои фарҳангӣ, сатҳи маориф ва рейтингҳои рушди иқтисодӣ [9]. Маҷмуи чунин омилҳо метавонад ба шарҳи баъзе аз дигаргуниҳои макро-минтақавӣ, ки дар Тоҷикистон мушоҳида мегарданд, кӯмак намояд.

Шаҳрнишинӣ ва тамаркузи дахлдори вазифаҳои маъмурӣ аз болои фаъолиятҳои тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ ҳамчун воситаҳои муҳими таҳрикдиҳандаи ҷалби занон дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳи ҷамоат дар мавриди Тоҷикистон ба шумор мераванд. Дар сурати тақсимбандии ҷамоатҳои кишвар ба ду гурӯҳ - ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак - фарқияти калон дар сатҳи намояндагии занон ошкор мегардад. Қимати миёнаи ҳиссаи занони вакил барои 369 ҷамоатҳои деҳот 14,9%-ро (қимати медианӣ ба 13,8% баробар аст) ташкил медиҳад. Қимати миёна барои 58 ҷамоатҳои шаҳрак, ки асосан нақши марказҳои маъмуриро дар ноҳияҳо иҷро мекунанд, ба 21,6% баробар аст (қимати медианӣ бошад 20%-ро ташкил медиҳад).

Тафовут дар ҳиссаи занони вакил дар саросари ҷамоатҳои ноҳияи аллакай зикргардидаи Мӯъминобод як мисоли хуби фарқият байни ду намуди ҷамоатҳо мебошад. Ноҳияи сераҳолии Муъминобод, ки дар наздикии маркази бузурги минтақавӣ, яъне шаҳри Кӯлоб, воқеъ гардидааст, аз ҳафт ҷамоат иборат буда, аҳолии ҳар кадоми онҳо аз ҳашт то 19 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҷамоати Мӯъминобод на ҷамоати калонтарин байни ин ҷамоатҳо мебошад ва на дар маркази ин ҷамоатҳо воқеъ гардидааст. Бо вуҷуди ин, ҷамоати мазкур аз руи анъана нақши маркази маъмурии ноҳияро иҷро намуда, дорои мақоми шаҳрак мебошад. Чуноне, ки дар муҳокимаи Расми 2 зикр гардид, қимати нишондиҳандаи ҳиссаи занони вакил барои ин ҷамоат хеле болотар аз қимати ин нишондиҳанда барои дигар ҷамоатҳо дар ноҳияи ҷойгир шудааст.

Таҳлили таъсири омилҳои дигари сохторӣ, ки фарзан ба қобилияти занон дар таъмини намояндагӣ таъсир расонанд, ягон хусусияти умумии системавиро ошкор намесозад. Нишондиҳандаҳои ҷонишин аз қабили сатҳи даромади ҷамоат, масофаи ҷойгиршавӣ аз марказҳои шаҳрӣ ва сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ бо қимати ҳиссаи занони вакил алоқамандии зич надоштаанд. Як омили муҳими институтсионалӣ – ин низоми ҳавзаи якмандата (ҲЯМ) мебошад, ки ба таври умум ҳамчун системаи номусоид барои намояндагии занон дар муқоиса бо системаҳои интихоботӣ дар асоси намояндагии мутаносиб (НМ) - барои интихоботи маҳаллӣ дар саросари кишвар амалӣ мегардид ва ба ин васила дар ҳамаи ҷамоатҳо таъсири яксон дошт, эътироф гардидааст.

THE GLOBAL GOALS
For Sustainable Development

---

[9] *Нигаред ба, масалан, R. Inglehart and P. Norris (2003) Rising Tide: Gender Equality and Cultural Change Around the World. Cambridge: Cambridge University Press.*

5 БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ

Бо вуҷуди он, ки тағйирёбандаҳои сохторӣ ва институтсионалӣ бояд дар кӯшиши баён намудани тафовути дохиликишварӣ дар сатҳи намояндагии занон ба инобат гирифта шаванд ва баъзеи онҳо дар ҳақиқат нақши муҳим дар ифода намудани шуморе аз дитаргуниҳои мушоҳидашуда дар сатҳи ҷамоатҳоро мебозанд, онҳо ягона омилҳои таъсиррасон нестанд. Нақши муассиса дар шарҳи муваффақият ва нокомиҳо дар таъмини намояндагии мутаносиби занон дар шӯроҳои маҳаллӣ набояд кам арзёбӣ карда шавад. Мо далели кофии аз тадқиқотҳои илмӣ бадастомада ё дигар санадҳое, ки амали шаҳрвандони фаъолро қайд намуда бошанд, надорем – шаҳрвандони фаъол яъне, мардону заноне - ки барои дар маҳалҳои муайян фароҳам сохтани як фазои мусоид барои ҷалби занон ба корҳои маҳаллӣ кӯмак мерасонанд, худашон дар мансабҳои хизмати давлатӣ шуғл доранд ва ё занони ҷомеаро ташвиқу дастгирӣ ба ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ мекунанд.

Бе баррасии нақши шахсони воқеӣ ва заминаҳои махсуси маҳаллӣ шарҳи тафовути назаррас дар намояндагии занон байни ҷамоатҳои ҳамсоя, ки аз ҷиҳати сохтор ба якдигар хеле монананд, душвор аст. Ин нуқтаро дар мисоли Ёвон тавзеҳ додан мумкин, ки он ноҳияи дигаре дар вилояти сераҳолии Хатлони кишвар мебошад. Ноҳия дорои нӯҳ ҷамоат буда, то ҳадде инъикосгари вазъ дар сатҳи миллӣ дар робита ба ҷалби занон ба шӯроҳои маҳаллӣ мебошад – қимати медиании ҳиссаи занони вакил барои ҷамоатҳои ин ноҳия 15,8% аст, ки хеле наздик ба медианаи миллӣ баробар ба 15% мебошад. Дар ноҳия як ҷамоати шаҳрак, ки он ҳамчун маркази маъмурии ноҳия хизмат мерасонад ва ҳашт ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Дар байни ҳашт ҷамоати деҳот, ҷамоатҳое мавҷуданд, ки дар онҳо занон қариб аз се як ҳисса ва ё чоряки шумораи умумии вакилонро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, чор ҷамоати дигаре ҳастанд, ки дар онҳо ҳиссаи занон дар шӯроҳои маҳаллӣ камтар аз 10% мебошад. Агар тасмим барои фароҳам сохтани дарки бештари нозукиҳои мушкилот ва имкониятҳо барои баланд бардоштани ҳузури занон дар шӯроҳои маҳаллӣ гирифта шавад, омӯзиши бештари муайянкунандаи маҳаллии ин тафовутҳо зарур мегардад.

# Назари фаротар аз намояндагӣ дар шӯро

Ҷалби занон ба шӯроҳои маҳаллӣ ягона масъалаи дахлдор дар самти иштироки занон дар идоракунии маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад. Тадқиқотҳои оянда дар ин самт бояд инчунин ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи занон дар мансабҳои роҳбарикунандаи сатҳи маҳаллӣ: раисон ва муовинони раисони ҷамоатҳо, котибони шӯроҳои ҷамоатӣ, аъзои шӯроҳои машваратии ҷамоат, раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва шаҳрҳо, равона карда шаванд. Ин мансабҳо барои тавонбахшии занон ва баланд бардоштани нақшу таъсири онҳо дар ҷомеа махсусан муҳим мебошанд.

Инчунин, маълумоти мавҷуда оиди ҷалби занон ба идоракунии давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ бояд гурӯҳбандӣ карда шавад. Бино ба яке аз гузоришҳои охирини ҳукуматӣ, занон 21,8%-и мансабҳои хизмати давлатӣ дар сатҳи маҳаллиро (вилоят ва ноҳия) ишғол намуда, ин рақам дар мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ба 22,4% баробар аст. Гузориши мазкур ҳамчунин маълумот дар бораи ҷалби занон ба идоракунии давлатӣ дар сатҳи миллиро низ пешниҳод менамояд - тақрибан 17%-и ҳамаи кормандон; ва занон 19%-и аъзоёни Маҷлиси Намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон (палатаи поёнии Парлумон) ва 21,9%-и Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (палатаи болоӣ) ташкил медиҳанд [10].

Муқоисаи маълумот оиди намояндагии занон дар идоракунии маҳаллӣ дар миқёси кишварҳо бо сабаби набудани тавофуқ дар бораи он ки кадом категорияҳои мансабҳои идоракунии маҳаллӣ бояд ба назар гирифта шаванд ва чӣ тавр чораҳои дахлдор бояд дақиқ муайян карда шаванд, мушкил мебошад. Бо вуҷуди ин, СММ-Занон, ҳамчун муассисаи ӯҳдадор барои Нишондиҳандаи 5.5.1b-и ҲРУ (таносуби курсиҳои ишғолнамудаи занон дар мансабҳои идоракунии маҳаллӣ), ҳоло ба таҳияи методологияи ҷамъоварии маълумот барои тавлиди нахустин арзёбии заминавӣ дар бораи таносуби занон дар идоракунии маҳаллӣ шурӯъ намудааст.

Дар хусуси дигар нишондиҳандаҳои глобалии гендерии аллакай мавҷуда, бояд зикр намуд, ки қайдҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои хеле маҳдудро инъикос менамоянд. Барои мисол, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шохиси глобалии нобаробарии гендерии 2016-и Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ бо 0,679 имтиёз зинаи 93-юмро аз 144 кишвар касб намуд, ки пешрафти маҳдуди кишварро нисбат ба соли 2015 баён менамояд, ки он замон ҷумҳурӣ бо 0,675 имтиёз зинаи 95-умро байни 145 кишвар касб намуда буд. Дар ҳоле, ки холҳои бадастовардашудаи мамлакат барои сатҳи таълим ва барои саломатию рӯзгузаронӣ нисбатан баланданд, хол барои тавонмандсозии сиёсӣ (занон дар парлумон ва мансабҳои вазирӣ) паст аст. Дар байни кишварҳои минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни чор кишвари дорои пасттарин рейтинги Шохиси нобаробарии гендерӣ қарор дорад: Тоҷикистон - зинаи 93-юм; Ҷумҳурии Словакия - зинаи 94-ум; Арманистон – зинаи 102-юм ва Маҷористон – зинаи 101-ум [11].

Ҷалб намудан ба раванди қабули қарорҳо як ҷузъи масъалаи умумии баробарии гендерӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба таври возеҳ дар Барномаи 2030 оид ба рушди устувор таъкид гардидааст. Ҳадафи 5-уми Ҳадафҳои рушди устувор, яъне Баробарии гендерӣ, аз давлатҳо тақозо мекунад то корро дар самти хотима бахшидан ба ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон ҷоннок намуда, роҳҳои тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон ва духтаронро дар кишварҳои худ ҷустуҷӯ намоянд.

---

[10] Гузориши миллӣ оиди татбиқи Платформаи амали Пекин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2015

[11] Шохиси глобалии нобаробарии гендерӣ 2016. Дастрасӣ ба мавод тавассути: http://reports.weforum.org/global-gender-gap-report-2016/

Ҳадафи 5.5-и ҲРУ чунин аст: «Таъмини иштироки пурра ва босамари занон ва имкониятҳои баробар барои роҳбарӣ дар ҳамаи сатҳҳои қабули қарорҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ». Раванди ноил шудан ба ин ҳадаф тавассути нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад:

**5.5.1**

Нишондиҳандаи

Намояндагии мутаносиби занонро дар ду самти мутавофити идоракунӣ муайян мекунад: (а) парлумонҳои миллӣ ва (б) **идоракунии маҳаллӣ**

**5.5.1b**

Нишондиҳандаи

Таносуби мансабҳои аз ҷониби занон дар **ҳокимиятҳои маҳаллӣ** ишғолнамуда

Ҳамчунин, Ҳадафи 16.7 чунин оварда шудааст: «Таъмини қабули қарори ҷавобгӯ, фарогир, якҷоя ва намояндагӣ дар ҳамаи сатҳҳо», ки пешрафти он тавассути нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад:

**16.7.1**

Нишондиҳандаи

Таносуби мансабҳои ишғолнамуда (аз рӯи ҷинс, синну сол, шахсони дорои маълулият ва гурӯҳҳои аҳолӣ) дар муассисаҳои давлатӣ (органҳои қонунбарори миллӣ ва маҳаллӣ, хизмати давлатӣ ва судӣ) дар муқоиса бо тақсимоти миллӣ

**16.7.2**

Нишондиҳандаи

Таносуби шумораи аҳолие, ки боварӣ ба қабули қарори фарогир ва ҷавобгӯ, аз рӯи ҷинс, синну сол, маъюбӣ ва гурӯҳи аҳолӣ, доранд

# ТАВСИЯ ВА ХУЛОСАҲО

Дар ин бахш баъзе аз мушоҳидаҳо ва хулосаҳо ҳам дар хусуси ҷалби занон ба шӯроҳои маҳаллӣ ва ҳам дар бораи заминаи васеътаре, ки дар он масъалаи намояндагии занон дида мешаванд, баррасӣ мегарданд. Баланд бардоштани сатҳи намояндагии занон, дарк ва ҳалли маҷмӯи васеи масъалаҳоро тақозо менамояд.

Хулосае, ки бар асоси он ҳиссаи занони вакил дар шӯроҳои ҷамоатӣ дар саросари кишвар 15,2%-ро ташкил медиҳад маънои онро дорад, ки занон дар идоракунии давлатии сатҳи маҳаллӣ дар Тоҷикистон хеле каманд. Ин рақам натанҳо хеле камтар аз ҳиссаи занон дар ҷомеа мебошад, балки он аз он чӣ ҳисоботҳои омории мавҷуда баён менамоянд низ поинтар аст, азбаски дар миқёси ҷаҳон ҳиссаи занон дар шӯроҳои маҳаллӣ 20%-ро ташкил медиҳад [12]. Иштироки занон ин масъалаи байнисоҳавӣ буда, баланд бардоштани ҷалби занон дар раванди қабули қарорҳо метавонад ба пешрафт дар расидан ба доираи васеи ҳадафҳои дар стратегияҳои миллии рушд ва Барномаи глобалии рушди устувор пешбинишуда мусоидат намояд. Вале, муқовимат нишон додан бар зидди имконоте, ки бар асоси он боло бурдани намояндагии занон дар ҳалли масъалаҳое, ки аз руи анъана диққати камтар мегиранд, кӯмак мекунад, масалан, истеҳсоли неруи барқ ё инфрасохтори пайвастшавӣ дар муҳокимаи рӯзномаи миллии рушд, ҳамоно мушкил боқӣ мемонад. Бо эҳтимолияти зиёд, афзоиши теъдоди намояндагии занон дар форумҳои қабули қарорҳо метавонад такони ҷиддиро дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ бар нафъи гурӯҳҳои осебпазир, тақвияти талошҳо дар самти мубориза бо осебпазирӣ ва маҳрумият, ва ба даст овардани беҳбудиҳои назаррас дар фароҳам овардани хизматрасонии базавии иҷтимоӣ таъмин намояд.

> *Нодира Авезова узви Шӯрои ҷамоати шаҳраки Чоркуҳи ноҳияи Исфара аз вилояти Суғд мебошад. Дар вилоят солҳои 2013-2014 равандиислоҳоти замин ба вуқӯъ пайваст, ки аз хоҷагиҳои давлатӣ ва коллективӣ ба хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ додани ҳаққи идоракунии замин дар назар дошта шуда буд. Лекин, аз ҷониби роҳбарияти собиқ хоҷагии давлатии «Чоркуҳ» дараҷаи муайяни муқовимат бар зидди додани ҳаққи истифодабарии замин ба хоҷагиҳои деҳқонии хурд, ки ба саҳмдорони инфиродии ҷомеа тааллуқ дошт, сурат гирифт. Дар посух ба ин вазъият, Нодира Авезова, бо истифода аз ваколатҳояш ҳамчун узви шӯрои маҳаллӣ, намояндагони деҳаи Хоҷаи Аълоро барои дар якҷоягӣ ба Раиси шаҳри Исфара муроҷиат намудан бо мақсади таъмини иҷроиши ислоҳоти замин ба манфиат ва эҳтиёҷоти воқеии аҳолии маҳаллӣ, сафарбар намуд. Дар натиҷа, Раиси шаҳри Исфара қарори азнавташкилдиҳӣ ва ҷудо намудани 300 гектар замини хоҷагии кишоварзии тухмипарварии «Чоркуҳ» ва таъсиси се хоҷагӣ бо 400 саҳмдорро имзо намуд.*
>
> ***СММ Занон дар Тоҷикистон, соли 2016***

[12] *Шоҳиси глобалии нобаробарии гендерӣ 2016. Дастрасӣ ба мавод тавассути: http://reports.weforum.org/global-gender-gap-report-2016/*

Сатҳи баланди намояндагии нокифояи занон имкониятҳои сершуморро барои корҳои сиёсиву тарғиботӣ бо мақсади коҳиши монеаҳо барои иштироки занон дар қабули қарорҳои маҳаллӣ, баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои шаҳрвандии дастгирикунандаи чунин иштирок, ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занони фаъоли маҳаллӣ барои ишғоли мансаб дар идораҳои давлатӣ, тақозо ва фароҳам менамояд. Чунин кор саъю кӯшишҳои иловагиро дар ҷодаҳои мувозӣ барои дарки беҳтари ҳам хусусияти дақиқи монеаҳои мавҷуда ва ҳам намудҳои малакаву дониши лозима ба хотири беҳтар намудани имконияти занони номзад барои ишғоли мансабҳои интихобшаванда талаб менамояд. Аз ин рӯ, кӯшишҳои ҷиддии тадқиқотӣ барои пурра намудани корҳои сиёсиву тарғиботӣ бояд ба роҳ монда шаванд.

Кор метавонад худаш бо истифода аз шароитҳои гуногун пеш равад. Инчунин, тавассути кӯшишҳои якҷоя аз ҷониби эътилофи ҷонибҳои ҳавасманд (гурӯҳҳои занон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд) хеле корҳои назаррасро дар сатҳи миллӣ анҷом додан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои васеъ барои амалисозии барномаҳои маҳдуд бо ташаббуси иштирокчиёни инфиродӣ ва бо тарҳрезии ҳадафманд барои таъмини эҳтиёҷот ва ҳалли камбудиҳои мушаххас дар минтақаҳои ҷуғрофие, ки таҳлили мазкур муайян намудааст, ки дар онҳо камбуди ҷалби назарраси занон дар қабули қарорҳои маҳаллӣ мушоҳида мешавад, мавҷуд аст. Баланд бардоштани сатҳи намояндагии занон дар шӯроҳои ҷамоатӣ баъди интихоботҳои маҳаллии соли 2020 ё, ҳадди ақал, афзоиши шумораи занони номзад ба мансабҳои хизмати давлатӣ, метавонад ҳамчун як ҳадафи воқеӣ барои як раванди эҳтимолан дарозмуддати фаъолият дар самти таҳкими ҷалби занон дар сиёсати давлатӣ истифода гардад.

Як зумра сиёсат ва барномаҳои миллӣ кӯшиш дар самти баланд бардоштани иштироки занон дар мансабҳои роҳбарикунанда [13] ба харҷ доданд. Охирин барномаи давлатии мусоидат ба интихоби занон ба мансабҳои роҳбарикунанда, мутаассифона, ягон ҳадафи мушаххас барои соли 2022 дар робита ба беҳтар намудани дастрасии занон ба қабули қарор дар маҷмуъ ва махсусан қабули қарор дар сатҳи маҳаллӣ муайян накардааст. Ягона фаъолият вобаста ба мавқеъ ва иштироки занон дар қабули қарорҳо дар сатҳи маҳаллӣ аз инҳо иборатанд: 1) гузаронидани курсҳои махсуси омӯзишӣ дар «Мактаби роҳбарӣ» барои занони фаъол дар сатҳи маҳаллӣ; ва 2) таъсис ва пешбурди маҳфилҳои муҳокимавӣ оид ба «Нақши занон дар идоракунӣ» бо иштироки намояндагони мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ. Бо вуҷуди ин, барномаи мазкурро метавон боз ҳам беҳтар бо ӯҳдадориҳои давлат оид ба амалисозии Ҳадафҳои рушди устувор ҳамоҳанг намуд, аз ҷумла, ҳадафи 5.5-и ҲРУ, ки дар боло ба таври муфассал қайд гардид. Барои таъмини ин, таҳкими талошҳо барои таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар қабули қарорҳо дар асоси принсипи ҲРУ ва усули Расидагӣ ба ҳар фард, зарур аст. Намояндагони гурӯҳҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ, гурӯҳҳои маҳрумгашта ва дарканонмонда бояд имкони овоз ва мавқеъ оид ба талаботҳои мушаххаси вобаста ба рушд ва афзалиятҳои хеш тавассути иштироки арзишманд дар қабули қарорҳо дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла сатҳи маҳаллӣ, дошта бошанд.

Квотаҳо ва мансабҳои маҳфуз аз тадбирҳои махсуси муваққатие ба шумор меравaнд, ки ба занон дастрасии беҳтар ба қабули қарорро дар ҳамаи сатҳҳо таъмин менамоянд. Навъҳои зиёди механизмҳои ҷудо намудани квотаҳо / ҳифз намудани мансабҳо мавҷуданд, ки ба хотири баланд бардоштани намояндагии занон дар саросари ҷаҳон муаррифӣ гардидаанд. Шахсони дар сатҳи миллӣ тасмимгиранда метавонанд аз омӯзиши ин таҷрибаҳо ва муайян намудани таҷрибаи ба доираи миллӣ муносиб баҳравар гарданд. Квотаҳоро ҳам барои занон ва ҳам барои мардон барои таъмини дурнамои мутавозини гендерӣ ва маҳдуд намудани бартарии дилхоҳ аз ҷинсҳоро то ба ҳадди 60%, ҷорӣ намудан мумкин аст [14].

Ба таълим фаро гирифтани духтарон яке аз масъалаҳои хеле муҳим мебошад, хусусан дар деҳот ва минтақаҳои бештар анъанавӣ. Бо дарназардошти 33%-и [15] муҳассилини мактабҳои олӣ аз ҳисоби занону духтарон (маълумот барои соли таълими 2015/2016) ва бо дарназардошти тамоюли бо суръати баланд аз ҷониби духтарон тарк намудани мактабҳои миёна, ноилшавӣ ба пешрафти назаррас дар самти тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодию сиёсии занон мушкил аст. Бо мақсади таъмини имкониятҳои баробар барои ҷалби духтарон ба таҳсил дар мактабҳои олӣ бояд кор бо волидайн ва фаъолони расмию ғайрирасмии маҳаллӣ пурзӯр карда шавад.

---

[13] *Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатаманд барои солҳои 2017-2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №158 аз 1-уми апрели соли 2017)*

[14] *UNIFEM Комёбиҳои занони дунё 2008/2009*

[15] *Маълумот шумораи духтарони дар мактабҳои олӣ таҳсилкунандаро дар бар мегирад. Шумораи воқеии духтароне, ки таҳсилро дар мактабҳои олӣ хатм намуданд аз ин ҳам камтар аст.*

Меъёрҳои гендерии патриархалӣ, нақшҳо ва қолабҳо ҳоло ҳам барои иштирок ва роҳбарии занон дар ҳамаи сатҳҳо ҳамчун монеа боқӣ мемонанд, ки бояд тавассути фаъолияти доимӣ ва мақсаднок бардошта шаванд. Урфу одатҳои иҷтимоӣ-фарҳангии мавҷуда, ки ба қобилияти занон барои ворид гаштан ба идораи давлатӣ таъсир мерасонанд, бояд дар заминаи минтақаи мушаххас омӯхта шуда, фарқгузорӣ карда шаванд. Ин бояд ба таҳияи тадбирҳои амалӣ ҷиҳати ҳалли монеаҳои мавҷуда барои иштироки занон дар қабули қарорҳо дар сатҳи маҳаллӣ ва дастгирии як муколамаи кушоди дар дохили ҷомеа оид ба ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон, духтарон ва писарон, оварда расонад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори маҳаллӣ барои шикасти монеаҳо барои занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ муҳим буда, баланд бардоштани савияву дониши мутахассисони васоити ахбори омма басо муҳим мебошад.

Корҳо дар самти эҷоди тавонмандии занон ҷиҳати мусоидат ба кӯшиш намудан, ноил шудан ва фаъолият намудан дар муассисаҳои идоракунии маҳаллӣ, ва афзун намудани иқтидори гурӯҳҳои занон барои шуғл дар ҳокимиятҳои маҳаллӣ, бояд ба воситаи таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди ба таъмини эҳтиёҷот ва ҳалли мушкилоти занон равонагардида бо ба ҳадаф гирифтани амалҳои ба тағйирот нигаронидашуда, фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки онҳо, тарғибу таблиғ, таълим ва таъмини захираҳо, пурзӯр карда шаванд. Дар ҳоле, ки квота ва мансабҳои маҳфуз ба афзоиши намояндагии занон дар сохторҳои идоракунии маҳаллӣ мусоидат менамоянд, ин тадбирҳо барои саҳми назаррас дар ҷалби занон ба қабули қарор дар сатҳи маҳаллӣ кофӣ нестанд. Занон бояд тавассути рушди тавонмандии ҳамаҷониба, таъмин намудан бо дониши зарурӣ ва малакаи амалӣ (дониш оид ба механизми идоракунии маҳаллӣ, банақшагирӣ ва таҳияи буҷети маҳаллӣ, муошırати муассир ва маҳорати гуфтушунид, ва ғайра) ҷиҳати иҷрои нақшу вазифаҳои хеш дастгирӣ карда шаванд. Ҳамчунин, барои ҳалл ва бартараф намудани монеаҳои вобаста ба надоштани эътимод, малакаву таҷрибаи маҳдуди тарғиботӣ ва беҷуръатӣ дар ошкоро ибрози андеша намудан, занон бояд тавассути имкониятҳои шабакавӣ, ки онҳоро бо шарикони стратегӣ ба ҳам оварда, имконияти якҷо фаъолият намуданро фароҳам меорад, аз якдигар меомӯзанд ва диди умумӣ барои муаррифӣ ва ҳифзи мавқеи муштарак пайдо мекунанд, дастгирӣ карда шаванд. Чунин дастгирии ҳамаҷониба ба занон имкон медиҳад то вакилони воқеии тағйирот барои ҷомеаҳои худ гарданд.
Ҳамкорӣ миёни занони фаъол ва аъзоёни муассисаҳои идоракунии маҳаллӣ бояд дар ҳамаи ноҳияву вилоятҳо ҷиҳати таъмини мубодилаи тарафайни таҷриба, афкор ва саҳми умумӣ барои беҳтар намудани шароит барои иштироки арзишманди онҳо дар қабули қарорҳо дастгирӣ карда шаванд. Таъсиси механизмҳои дастгирии институтсионалӣ ба хотири мусоидат ба манфиат ва нигарониҳои занон дар сатҳи ноҳия бояд таблиғу тарғиб карда шуда, минбаъд дастгирӣ карда шаванд.

Барномаи давлатии навқабулшуда оиди ҷобаҷогузории кадрҳо дар мансабҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарон [16] бояд аз нигоҳи таҳия ва таъин намудани ҳадафҳои возеҳу равшан оиди беҳбуди дастрасии занон ба қабули қарор ва ҷалби гурӯҳҳои гуногуни занон, ки мувофиқ ба ҳадафҳои 5-уми ҲРУ ва ӯҳдадориҳои давлат барои татбиқи пурраи он то соли 2030 мебошад, бознигарӣ карда шавад. Диққати махсус ба ворид намудани занон дар муассисаҳои қабули қарорҳои сатҳи маҳаллӣ бояд бо корҳои амалӣ пурра карда шаванд, то ки мушкилоти мавҷуда вобаста ба ҳавасмандгардонии сиёсӣ, мавҷуд набудани дониш ва таҷрибаи техникӣ, ки ба костагардии омилҳои ҳавасмандгардонӣ, тахриби манфиатҳои воқеӣ ва маҳдудшавии қобилияти занон аз гурӯҳҳои осебпазир ҷиҳати намояндагӣ дар қабули қарорҳо, бартараф гарданд. Ин барнома ба азм оиди ҷорӣ намудани таҳлили гендерии ҳатмӣ / ташхиси ҳамаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини ҳассосияти гендерӣ ишора менамояд. Ин як воситаи хуб аст ва бояд аз нигоҳи ҳалли эҳтиёҷот ва афзалиятҳои хоси марбут ба масоили гендерӣ тавассути қонуну сиёсатҳои нав, инчунин ба воситаи ҷамъоварии маълумот оиди саҳми баробар ва арзишманди занону мардон дар қабули қарорҳо, ки ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонад, татбиқ карда шавад.

[16] *Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатаманд барои солҳои 2017-2022 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №158 аз 1-уми апрели соли 2017)*

БРСММ дар Тоҷикистон

Кӯчаи Айнӣ 39, Душанбе
Телефон: (992) 44 600 55 96 / 97
Факс: (+992 44) 6005596
Почтаи электронӣ:
registry.tj@undp.org
Сомона: www.tj.undp.org
Twitter: @UNDPTJK
Facebook: UNDP in Tajikistan

СММ Занон дар Тоҷикистон

Вефа Сентр, 902; 37/1,
Кӯчаи Бохтар, Душанбе,
Тоҷикистон
Телефон: (992 44) 6005524
Почтаи электронӣ:
tjkpp@unwomen.org
Сомона: eca.unwomen.org

**Омода намуданд: Олеҳ Протсик, Наргис Азизова, Ҷурабек Сатторов, Дилшод Ҷалилов**